**Дастовардҳои**

донишҷӯёни факултети биологияи ДМТ дар озмӯн ва олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалӣ



Иштироки донишҷӯён дар кушодашавии рӯзи конференсияи ҷумхуриявии илмию амалии ҳайати устодону кормандони факултети биологияи ДМТ (2021).




Иштироки донишҷӯёни кафедра дар озмунҳо




ОСОРХОНА
ДИПЛОМ
СИПОСНОМА


ОСОРХОНА






Натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён дар олимпиадаҳо.


10000
СОМОНӢ
СИПОСНОМА
15000
СОМОНӢ



# БАРГУЗОР НАМУДАНИ ИНТЕРНЕТ-ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ АЗ ФАННИ БИОЛОГИЯ БАХШИДА БА «БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ» (СОЛҲОИ 2020-2040) 28-30.11.2024

Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташаббус ва иқдомҳои созандаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон-ро самимона пазируфта, дар доираи нақша-чорабиниҳо як қатор чорабиниҳои илмиро зина ба зина анҷом дода истодааст. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади амали намудани чорабиниҳои илмӣ бахшида ба «Бистсолагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф» (солҳои 2020-2040) «Интернет-олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни биология»-ро дар байни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷи кишвар баргузор намуд, ки дар он зиёда аз 100 нафар донишҷуёни дохил ва хориҷӣ иштирок намуданд.

Интернет-олимпиадаи байналмилалӣ ба ташаккул ва маҳорати касбӣ, андӯхтани таҷриба дар кор бо технологияҳои муосири таълимӣ, инчунин ташаккули қобилияти донишҷӯён барои ҳалли масъалаҳои биологӣ ва рушди нерӯи эҷодии онҳо нигаронида шуд.

Бояд зикр намоем, ки дар марҳилаи ҳозираи бо суръат инкишофи илму техника барои ҳамқадами замон будан, эълон гардидани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» амали зарурӣ ва саривақтист, ки баргузории «Интернет-олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни биология» барои рушди ҳамкорӣ ва шарикӣ ба манфиати илму маориф тақвиятдиҳандаи гуфтаҳои боло мебошад.

Натиҷаи Интернет-олимпиадаи байналмилалӣ аз фанни биология нишон дод, ки нисбат ба фаннҳои табиатшиносӣ, махсусан биология таваҷҷуҳи олимону донишмандон, унвонҷӯёну донишҷӯён хелло назаррас мебошад ва дар он 18-донишгоҳҳои олии дохил ва хориҷӣ кишвар иштироки фаъолона доштанд.

Аз ҳайати 100-нафараи иштирокчиён 5-ҷойи аввал (2-нафар аз дохили кишвар ва 3-нафар аз хориҷи кишвар), 10- ҷойи дуюм (3-нафар аз дохили кишвар ва 7-нафар аз хориҷи кишвар), 15-ҷойи сеюм (2-нафар аз дохили кишвар ва 13-нафар аз хориҷи кишвар) ва дигар иштирокчиён бо сертификати иштирокчӣ қадрдонӣ гардиданд.

*Ҳамидзода Х.Н. - н.и.б., дотсент,*
*муовини декан оид ба илм ва инноватсияи*
*факултети биологияи ДМТ*



